# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Раҳимов Шодмон Давлатович, дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ. ш. Душанбе, 2025с.**

Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, дар шароити ҷануби ҷумҳурӣ, ноҳияи Ҷайҳуни водии Вахш, ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти соҳаи сабзавоткорӣ бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Сабзавотпарварӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дошта, маҳсулоти он аҳолиро бо сабзавоти тару тоза, коркард ва пухташуда таъмин ва ба саноати коркарди маҳсулот ашёъи хомро пешкаш менамояд. Минтақаҳои асосии сабзавоткории мамлакат дар водиҳои Вахш, Ҳисор, ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва ноҳияҳои водигии вилояти Суғд ҷойгир шудаанд. Ноҳияҳои ҷанубии водии Вахш аз ҷиҳати ҳарорати ҳаво дар ҷумҳурӣ гармтарин буда, дар он зироатҳои ба хунукӣ тобовари сабзавотӣ, аз ҷумла пиёзи бехӣ, карам ва сабзӣ васеъ парвариш карда мешаванд. Солҳои охир ин ноҳияҳо, аз ҷумла ноҳияи Ҷайҳун ба минтақаи асосии ҳосили пиёзи бехии барвақтӣ дар ҷумҳурӣ мубаддал шудаанд. Чунки ҳарорати ҳавои давраи тирамоҳ-зимистон-аввали баҳор ба талаботи биологии зироати пиёзи бехӣ ҷавобгӯ буда, ҳосили он дар охири моҳи апрел-аввали май пухта мерасад ва талабот дар ин мавриду ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он ниҳоят калон буда, харидори зиёд дорад.

Зироати пиёзи бехӣ ба мавҷудияти миқдори зарурии моддаҳои ғизоӣ дар хок эҳтиёҷманд буда, дар ҳолати истифодаи нуриҳои минералӣ

потенсиали баланди ҳосилнокиро зоҳир менамояд. Вале бо сабаби то солҳои охир мавҷуд набудани тавсияҳои илман асосноки истифодаи нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ, воридкунии онҳо ба хок тахминӣ буда, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар ин раванд тақозо дошт. Бо ин сабаб, уновонҷӯ Раҳимов Ш.Д. дар солҳои 2018-2020 тадқиқоти худро оид ба муайянкунии самаранокии истифодаи илман асосноки нуриҳои минералӣ дар хокҳои хокистарранги равшани ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон бо навъҳои пиёзи барвақтии “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис” гузарондааст.

**Мансубияти тадқиқот ба барномаҳои илмӣ.** Тадқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. дар чорчӯбаи барномаи супоришӣ дар мавзуи “Офаридану интихоби навъҳои серҳосилу баландсифати зироатҳои сабазавотӣ ва полизии ба тағйирёбии иқлим мутобиқ, такмил додани технологияи парвариши онҳо дар Тоҷикистон (РКД 0116 TJ00623) барои солҳои 2016-2020” гузаронида шудаанд. Мақсади тадқиқот асосноккунии илмии меъёр ва таносуби истифодабарии нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ барои парвариши ҳосили баланду хушсифати пиёзи бехӣ дар хокҳои хокистарранги равшани водии Вахш, инчунин баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истеҳсоли ҳосили ин зироатро дар бар мегирад.

**Вазифаҳои асосии тадқиқот** муайянкунии реҷаи ҳарорат ва намнокии ҳаво ва миқдори боришот дар минтақаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ; омӯхтани тағйирёбии миқдори моддаҳои ғизоӣ дар хок, гузаштани давраҳои феноологии растаниҳо, ҳосилнокӣ, сифати маҳсулот ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили навъҳои тезпази пиёзи бехӣ - “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис” дар водии Вахш мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсияи мазкурро муаллиф дар он асосонок мекунад, ки дар рафти тадқиқоти илмӣ бори аввал дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, дар хокҳои хокистарранги

равшан нишондиҳандаҳои илман асоснокшудаи таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгиро ба реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи зудпази бехи «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳо муайян намудааст.

Барои расидан ба ҳадафи илмиаш, унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. чунин нуқтаҳои муҳими илмиро интихоб намуда, ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Тағйирёбии реҷаи сатҳи моддаҳои ғизоӣ ва нашъунамои растании навъҳои пиёзи «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», вобаста ба истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои минералии ба хок воридшаванда;

2. Ҳосилнокии пиёзи бехии навъҳои омӯхташуда ва сифати маҳсулот вобаста аз истифодабарии нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ;

3. Таҳлили самаранокии иқтисодии истифодабарии нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар парвариши ҳосили бехпиёзи навъҳои «Пешпазак», «Алдоба» ва «Тунис» дар водии Вахши вилояти Хатлон.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудаанд. Унвонҷӯ назорати фенологию биометрии нашъунамои растаниҳоро бо истифодаи дастурамали “Методика государственного сортоиспытания”, ҳосилнокӣ ва сифати пиёзро бо истифодаи дастури “Методика полевого опыта в овощеводстве и бахчеводстве” [Белик, Бондаренко], таҳлили дисперсионии нишондиҳандаҳои ҳоҫилнокиро бо усули Б.Н. Доспехов ба роҳ мондааст. Натиҷаи асосии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Матни асосии диссертатсия дар 146 саҳифаи компютерӣ ҷой дода шуда, 5 боб, хулоса, пешниҳоду тавсияҳо

барои истеҳсолотро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 157 номгӯй, аз ҷумла 6 адабиёти хориҷӣ иборат аст.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объекти тадқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд.

**Боби якуми рисола "Шарҳи адабиёт"** буда, ба 3 зербоб ҷудо карда, оид ба пайдоиш ва хусусиятҳои биологии бехпиёз, таъсири омилҳои технологии парвариш ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз ва аҳамияти истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши пиёзи бехиро дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 28 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ ба таҷрибаҳои амалии муаллиф ба ҳисоб меравад.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Мавод ва методикаҳои тадқиқот»** ном дошта, аз 5 зербоб иборат буда, маълумот оид ба таркиби хоки маҳалли тадқиқот, маълумоти шароити иқлими минтақа, методҳо, объект ва усулҳои тадқиқотро дар бар мегирад.

Дар боби 2-юми диссертатсия 3 ҷадвал ва 1 диаграмма ҷойгир карда шудааст, ки дар он маълумот дар бораи ҳарорати ҳаво ва боришоти атмосферии водии Вахш дар солҳои тадқиқот ва миёнаи бисёрсолаи онҳо қайд гардидааст.

Дар қисмати методикаи таҷриба бошад, оид ба омӯзиши усулҳои истифодабарии нуриҳо дар кишти пиёзи барвақтӣ, гузаронидани назорати фенологию биометрӣ, ҳисоби ҳосилнокӣ, сифати маҳсулот, таҳлили дисперсионии нишондиҳандаҳо ва таҳлили самаранокии иқтисодии тадқиқотро дар бар мегирад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Натиҷаҳои аз тадқиқот бадастомада»** ба 8 зербоб ҷудо шуда, оид ба таъсири истифодаи нуриҳои минералӣ ба миқдори моддаҳои ғизоӣ дар хок, тағйирёбии реҷаи ғизоии нитрогенӣ дар хок вобаста ба истифодаи нуриҳо, тағйирёбии реҷаи моддаҳои ғизоии фосфорию калийдор дар хок вобаста ба нашъунамои растании навъҳои зироати пиёзи бехии тезпаз вобаста ба истифодаи нуриҳои

минералӣ, нишондиҳандаҳои фенологӣ ва биометрии пиёзи бехии навъҳои тезпаз, таъсири нуриҳои минералӣ ба вазни миёнаи пиёзи бехӣ ва баромади ҳосили молӣ, вобастагии миқдори нитратҳо дар таркиби растанӣ ва ҳосили пиёзи бехӣ зери истифодаи нуриҳои минералӣ, барориши моддаҳои ғизоӣ ба ҳосили биологии навъҳои пиёзи бехӣ вобаста ба истифодабарии нуриҳои минералӣ, ҳосилнокии навъҳои зироати пиёзи бехӣ, таркиби биохимиявии пиёзи бехӣ ва сифати молии ҳосили навъҳои пиёзи бехӣ вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ маълумоти асосии тадқиқот ҷойгир карда шудааст. Дар ин боб 19 ҷадвалу 7 диаграмма ҷойгир шудааст. Дар ҷадвалҳо натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии баанҷомрасида таҳлил ва баррасӣ гардида, диаграммаҳо алоқамандии аломатҳоро вобаста ба вариантҳои таҷриба нишон медиҳанд. Нишондиҳандаҳои ҷадвалҳо ва диаграммаҳо кори анҷомдодаро асоснок менамоянд.

**Боби чорум** «Самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили пиёзи бехӣ» ном дошта, доир ба дараҷаи даромаднокии парвариши ҳосили пиёзи бехӣ маълумоти мушаххас гирд оварда шудааст. Дар ин боб муаллиф дар бораи хароҷотҳои истеҳсолии воқеӣ, даромади умумию софи шартӣ ва дараҷаи даромаднокиро барои парвариши пиёзи бехӣ дар майдони 1 гектар, дар шароити води Вахш ҷойгир намудааст. Дар ин қисмати диссертатсия 2 ҷадвал ҷойгир буда, маълумоти зарурӣ вобаста ба самаранокии иқтисодии пиёзи бехӣ оварда шудааст.

**Боби панҷум «Баррасии натиҷаҳои тадқиқот»** номгузорӣ гардидааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ натиҷаҳои ниҳоии кори диссертатсиониро дар шароити хоку иқлими водии Вахш муфассал ҷойгир намуда, хулосаҳои илман асоснокро доир ба натиҷаҳои ба даст омадаи корҳои илмӣ- тадқиқотӣ дар 8 банд баррасӣ гардида, мубрамии кори анҷомдодашударо инъикос менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Бо роҳи гузаронидани тадқиқоти саҳроию омӯзишӣ дар заминҳои хокаш хокистарранги равшани водии Вахши вилояти Хатлон, ки минтақаи асосии парвариши пиёзи барвақтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, тавассути истифодаи нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ меъёру таносуби илман асоснокшудаи онҳо барои парвариши ҳосили баланду хушсифати пиёзи бехии тезпази навъҳои «Пешпазак», «Алдоба» ва «Тунис» дар кишти тирамоҳӣ муайян карда шуданд.

Системаи коркардшудаи истифодаи нуриҳои минералӣ барои нашъунамои хуби растании навъҳои бехпиёз мусоидат намуда, ҳосилнокии дилхоҳ ва самаранокии баланди иқтисодии парвариши ин зироатро таъмин кардааст. Меъёру таносуби истифодаи нуриҳои минералии тавсияшаванда барои ноил гаштан ба натиҷаҳои назаррас заминаи асоснок мегузорад ва дар майдони 11 га дар истеҳсолот бо ҳосилнокии 55-60 т/га татбиқ шуданд.

**Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. натиҷаҳои тадқиқотиашро дар 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 номгуй дар маҷаллаҳои тақризшавадаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 номгӯйи дигараш дар маводҳои конференсияҳои илмии соҳавӣ ба таъб расонидааст. Мақолаҳои аз чоп баромада мундариҷа, мазмуну муҳтавои ба даст омадаи тадқиқотҳои унвонҷуро инъикос менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, дар асоси талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд ва ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳою норасоиҳо, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар зербоби 2.1. харорати миёнаи хаво ва намнокии нисбии нохияи Дайхун дар чадвалхои 2.1. ва 2.3 нишон дода шудааст ва айнан хамин нишондихандахо дар диаграммаи 2.1. оварда шудааст, ки хочати такрор кардани он нест.

2. Дар чадвалхои 2.4, 3.2.1, ва 3.3.1 аз байни чадвалхо чудо карда шуда "Идомаи чадвал " навишта шудааст, хол он, ки чадвалхо дар як сахифа чой гирифтаанд. Ин аломат танхо дар он холат навишта мешавад, ки агар чадвал аз байн дар дигар сахифа гузарад.

3. Дар сахифахои 58 ва 59 расмхои навъхои пиёз оварда шудааст. Хуб мешуд агар расмхо дар замимахо оварда мешуд.

4. Дар сахифаи 96 зербоби 3.9 "Тахлили регресионии хосилнокии навъхо ва микдори нитратхо дар бехпиёз вобаста ба истифодаи нурихо" оварда шудааст, ки ин зермавзуъ дар мундарича вучуд надорад ва сахифабандй нашудааст.

5. Дар рисола галатхои имлой ва риоя нагардидани мавхеи аломати вергул ба чашм мерасанд.

Эродхо ва камбудихои дар болот зикршуда, дар мачмуъ, ахамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кори илмй таъсири манфй намерасонанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Рахимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нурихои минералй дар кишти навъхои пиёзи барвактй дар водии Вахш", барои дарёфти дарадаи илмии номзади илмхои кишоварзй аз руйи ихтисоси 06.01.09- Сабзавотпарварй пешниход гардидааст, кори илмии бисёрсолаи

анҷомёфта ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Муовини директор оид ба илм,
инноватсия ва равобити байналмилалии
филиали Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон дар ш. Исфара,
доктори илмҳои кишоварзӣ Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич

27 ноябри соли 2025

*Суроға:* 735920, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Исфара,
кӯчаи А.Ҷураев – 52, Тел: (+992- 3462) 22368.
E-mail: zokir13051975@gmail.com

Имзои З.М.Солиев-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва коргузории
филиали ДТТ дар ш.Исфара Додобоев Ҳ.Х.

Суроғаи муассиса: 735920, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Исфара, кӯчаи А.Ҷураев – 52, Тел: (+992- 3462) 23351,
E-mail: fdtti@inbox.ru

27 ноябри соли 2025